## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)**

Дар санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба масъалаҳои ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ, шинохти инсон тавассути методҳои фаъолияти ахлоқӣ, мутобиқсозии раванди таълим ба эҳтиёҷоти шахсият, фароҳам овардани имконият барои худшиносӣ ва худогоҳӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ ва равандҳои инноватсионӣ таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо эътибори муҳим дода шудааст. Тамоюлҳои ҷаҳонии рушди муосири низоми таҳсилот бо пайдоиши муҳити нави фаъолияти он алоқаманд аст.

Аз ин нуктаи назар, интихоби мавзӯъ ва таҳқиқи илмии он аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) дар марҳилаи муосири рушди таҳсилот хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода аз муқаддима, ду боб, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар боби якуми рисолаи довталаб, ки ба асосҳои назариявӣ ва методии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён, ҳамчун ҷузъи асосии омодасозии касбии омӯзгори оянда бахшида шудааст, масъалаҳои ҷанбаҳои рушди фарҳанги ахлоқии донишҷӯёнро аз нуқтаи назари таҳлили фалсафӣ ва педагогӣ баррасӣ шудаанд. Мундариҷа ва ҷузъҳои равиши ташкилӣ-фаъолиятӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун воситаи ташаккули фарҳанги ахлоқӣ омӯзонида шудаанд, ки барои таҳияи консепсияи назариявӣ ва модели ташаккули фарҳанги ахлоқии

донишҷӯён дар раванди таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ асос гузоштаанд.

Дар боби дуюми диссертатсияи тақризшаванда «Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати касбии омӯзгорони оянда» ном дорад, масъалаҳои шароитҳои педагогие баррасӣ шудаанд, ки ба интегратсияи арзишҳо ва самтгирии ахлоқӣ дар фаъолияти касбии донишҷӯён мусоидат мекунанд. Таҳлили мундариҷаи кори таҷрибавӣ- педагогӣ, ки ба рушди фарҳанги ахлоқӣ дар доираи омодасозии касбии онҳо равона шудааст, анҷом дода мешавад. Инчунин, баҳогузории самаранокии технологияи педагогии пешниҳодшуда дар раванди таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо таваҷҷӯҳ ба нақши он дар интегратсияи касбӣ гузаронида мешавад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти аз ҷониби* Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода гузаронидашуда дар бунёди амсилаи воқеии ба амалия нигаронидаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ, коркарди муҷаҳҳазии иттилоотӣ-методии таъминкунандаи самаранокии баланди он, таҳияи дастурҳои таълим ва тавсияҳо оид ба ташкили раванди таҳсилот дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ифода ёфтааст. Ҷолиби қайд аст, ки барномаҳои муаллифии коркардшудаи махсус, ки самтгирии фарҳангӣ доранд, зимни омодагӣ ба курсҳои махсус дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус, дар низоми такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони мактаби олӣ метавонанд истифода шаванд.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот* тавассути методологияи илмӣ, системаи воситаҳо ва усулҳои иловагӣ, мувофиқати интихоби методҳо ва санҷиши онҳо дар таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ, коркарди математикӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот; татбиқи маҷмуи усулҳои таҳқиқот, ки ба мақсадҳо ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд, инчунин методикаи коркарди статикӣ таъмин карда мешавад.

Ҷолиби қайд аст, ки аз тарафи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ гузаронида шудааст.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шуда, аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллифи рисола Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода ҳадафҳои гузоштаашудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснокаид, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Дар умум, диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи "Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)", таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Аминҷонова М. С.

15.05.2025с.
Суроға: шаҳри Бӯстон, кӯчаи Дӯстии халқҳо, бинои 5, ҳуҷраи 15

Имзои Аминҷонова Мавлуда Самиҷоновна -ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ-и
Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон Мӯминова Д.М.

Маълумот барои тамос: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бӯстон, кӯчаи`А. Баротов 6, тел.: (992-3451)5-06-34; тел.: +992 92 7934499,
Email: mavluda211973@mail.ru